«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон
н.и.и., дотсент
_______ Абдуалимзода Ҳ.А.
«04» 04 с.2023

**ПРОТОКОЛИ 8**

Ҷаласаи Шурои олимони факултети иқтисод ва бизнеси

ДДМИТ

**аз "31" 03 соли 2023, протоколи №8 ш. Душанбе**

**Раисикунанда:** Сатторзода Furобоҷон номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, декани факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ

**Котиб:** Шодиев Фирдавс, номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини декан оид ба илми факултети иқтисод ва бизнеси ДДМИТ

**ИШТИРОК КАРДАНД:** н.и.п., дотсент, Сатторзода Б.А., н.и.и., дотсент Шукуров С.М., н.и.и., дотсент Нуридинов С.З., н.и.и., Ҳусайнов М.С. н.и.и., Шодиев Ф.Т., н.и.и., дотсент Урунбоева Н.А., н.и.и., дотсент Тағоева Р.Г., н.и.и. дотсент Ҷумабоев Х., н.и.и., дотсент Исломов Т., муаллимони калолн Давлатов Б.Ш., Баротов А.Х., Сафаров Н.И., ассистентон Абдуразоқов Х.Р., раиси ҷавонони факултет Насимзода Т., Раиси Шурои духтарон Солиҳова М.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

**Муҳокимаи диссертатсияи** Назаров Муродали Солиҳович дар мавзуи "Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори

фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ).

**Роҳбари илмӣ:** Нурализода Амрулло Назрулло – номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети молия ва қарзи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

**Муқарризони холис:**

Давлатов Хуршед - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи молия Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ҳузур дошт);

Искандаров Ҳофиз - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣи Донишгоҳи миллӣи Тоҷикистон. (ҳузур дошт).

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур докторант Назаров Муродали Солиҳович баромад намуда, дар бораи сохтор, мазмун ва навгониҳои илмӣ, нуктаҳои ҳимояшаванда ва масъалаҳои таҳқиқоти рисолаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос ба муҳокима пешниҳодшуда маълумот дода, қайд намуд, ки навсозии бонизоми иқтисоди миллӣ дар солҳои охир барои ташаккули шароити мусоиди иқтисодиву иҷтимоӣ замина фароҳам овард, ки меъёри асосии рушди иқтисодии кишвар сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ ба шумор меравад.

Дар рафти баррасии масъала аз ҷониби иштирокчиён ба аспирант саволҳо дода шуд:

**Нуридинов С.З.**

**Саволи якум.** Вобаста ба таҳқиқоти илмии худ ва натиҷаҳои бадастоварда кадом нуктаҳои ҳимояшавандаро муайян намудед?

**Саволи дуюм.** Дар шароити имрӯза аҳаммияти назариявӣ ва амалии сатҳи зинадагии аҳолӣ аз кадом масъалаҳо вобаста аст?

**Назаров М.С:** Ташаккур, муҳтарам номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нуридинов С.З.!

**- Посухи мо ба саволи якум:** шарҳи васеи илмии мафҳумҳои “сатҳи зиндагии аҳолии минтақа” аз нуқтаи назари иқтисодиву иҷтимоӣ, “сифати зиндагӣ” аз рӯи методологияи муосир, “камбизоатии дарозмуддат”, аз нуқтаи назари тарзи зиндагӣ дар шароитҳои гуногунии иқтидори маҳал арзёбӣ мегардад;

- омилҳои асосии муайянкунандаи «сатҳи зиндагии аҳолии минтақа», ки бо дараҷаи фарқият аз рӯи тағйирёбандаҳои иҷтимоию демографӣ (аз ҷумла ҳиссаи «камбизоатии дарозмуддат»), сатҳи фаъолияти иқтисодии аҳолӣ, дараҷаи равандҳои иҷтимоӣ, сатҳи рушди соҳаи иҷтимоӣ, вазъи мураккаби экологӣ алоқамандаанд мебошад;

- алгоритми арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии минтақа, аз ҷумла аз рӯи нишондиҳандаи мураккаби интегралӣ объективона ва бо назардошти сифатии тамоюлҳо;

**Посухи мо ба саволи дуюм:** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар муайян кардани моҳият ва мундариҷаи мафҳумҳои «сифати зиндагӣ» ва «сатҳи зиндагӣ», муайян кардани методологияи арзёбии сатҳи зиндагии аҳолии деҳот иборат мебошад.

**Ҳусейнов Муродалӣ**: Мафҳуми сатҳи зиндагӣ бо кадом мазмун тасниф карда мешавад?

**Назаров М.С:** Ташаккур, муҳтарам номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, Ҳусейнов Муродалӣ!

**Посухи мо ба саволи Шумо:** Мафҳуми сатҳи зиндагӣ бо мазмуни калимаи англисии “quality of life” ва немисии “Lebensqualitat” тасниф шуда, он дар худ маънои тавсифи воқеии зиндагии аҳолӣ ва шахсияти ҳар як фардро таҷассум менамояд.

**Шукуров С.М:** Аз нуқтаи назари мутафакири Юнони қадим Арасту мафҳуми сифати зиндагӣ аз кадом масъалаҳо вобаста мебошад?

**Назаров М.С:** Ташаккур, муҳтарам номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Шукуров Суҳроб!

**Посухи мо ба саволи Шумо:** Аз нигоҳи фалсафӣ мутафаккири машҳури юнонӣ Арасту яке аз аввалинҳо шуда, мафҳуми «сифат»-ро баррасӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ, он чизе, ки худ арзи ҳастӣ дорад, сифатро ташаккул медиҳад ва сифат пас аз моҳият дар ҷойи дуюм меистад.

Сифатро Арасту бо маъноҳои зерин баррасӣ мекунад:

1. Ҳамчун фарқияти мушаххаси ташкилот;
2. Ҳамчун хусусияти ҳолатҳои мавҷудбуда;
3. Ҳамчун хосияти ашё.

Ба ақидаи Арасту, «сифат» аз бисёр ҷиҳат дар ҳастӣ зоҳир мешавад. Намуди якуми сифат устувории ашё буда, фарқияти онро аз ашёи дигар ифода мекунад. Навъҳои дуюм ва сеюм фарогири хосиятҳое мебошанд, ки

арзиши муайян дошта, хусусияти табдилёбӣ ба якдигарро – гармӣ - хунукӣ, беморӣ - саломатӣ ва ғ. доранд.

**Тағоева Р.Г:** Аз нигоҳи Профессор Исайнов Ҳ.Р. дар китоби худ бо номи «Иқтисоди миллӣ» сатҳи зиндагӣ чигуна таҳқиқ гардидааст?

**Назаров М.С:** Ташаккур, мухтарам номзади илмҳои иқтисодӣ Тағоева Р.Г!

**Посухи мо ба саволи Шумо:** профессор Исайнов Ҳ.Р. дар китоби худ бо номи «Иқтисоди миллӣ» возеҳан шарҳ медиҳад, ки: «Сатҳи зиндагӣ се унсури асосӣ дорад: рушди иқтисодӣ, баробарии иҷтимоӣ ва ҳифзи муҳити зист. Таъминоти сатҳи зиндагӣ яке аз принсипҳои унсури асосии иқтисодӣ буда, мувофиқи он вазъи некуаҳволии мардум бояд ба таври максималӣ баланд бардошта шавад, камбизоатӣ бо ёрии истифодаи оптималӣ ва оқилонаи захираҳои табиӣ кам гардад.

Баъдан роҳбари илмӣ номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Нурализода Амрулло Назрулло тақризи худро ба рисолаи диссертатсионии Назаров Муродали Солиҳович ироа намуда, рисолаи мазкурро ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия дод.

**Сипас муқарризон** Давлатов Хуршед. номзади илмҳои иқтисодӣ дотсент, мудири кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва Искандаров Ҳофиз - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣи факултети иқтисод ва идораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баромад намуда, рисоларо ҳамчун кори анҷомёфта ба ҳимоя тавсия доданд (тақризҳо замима мегарданд).

Дар муҳокимаи диссертатсияи мазкур ба ҳайси муқарризони ғайрирасмӣ н.и.и Ҳусайнов М.С., н.и.и дотсент ҶумабоевХ., н.и.и дотсент Исломов Т., н.и.и. дотсент Нуридинов С. З. Иштирок ва фикру андешаҳои худро баён намуда, қайд карданд, ки диссертатсия анҷомёфта ҳисобида шавад.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро қайд карда, саҳми докторантро дар тадқиқоту баррасии масъалаҳои назариявӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд ва ба докторант оид ба мукаммалгардонии баъзе қисматҳои диссертатсия тавсияҳои мушаххас доданд.

Қайд карда шуд, ки Назаров Муродали Солиҳович муҳаққиқи ҷавони кордон, боинтизом ва пурмасъул буда, муаллифи чандин

таълифоти илмӣ, иштирокчии як қатор конференсия ва семинарҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва дохилидонишгоҳӣ мебошад.

Дар доираи мавзуъ муқarrизони расмӣ ва ғайрирасмӣ эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххасу возеҳтар баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки сатҳи зиндагӣ ва самарабахшии меҳнатро дар ҷомеа инъикос менамояд, саҳми назарраси таҳқиқоти анҷомгардида дар рушди иқтисодии кишвар. сатҳи баланди зиндагии аҳолӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

Назаров Муродали Солиҳович ба эродҳои муқарризони расмӣ ва ғайрирасмӣ ҷавобу шарҳҳои муфассал дод. Сипас лоиҳаи хулосаи факултети иқтисод ва бизнес, ки дар асоси баромади муқарризон ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**ҚАРОР:**

Пас аз шунидан ва муҳокимаи диссертатсияи Назаров Муродали Солиҳович дар мавзуи «Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)» ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600 Иқтисодиёт(6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) пешкаш гардидааст.

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Назаров Муродали Солиҳович дар мавзуи “Тафриқабандии минтақавии сатҳу сифати зиindagии аҳолӣ (дар мисоли вилояти Хатлон)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) ба тартиби додани дараҷаи илми бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.
2. Корҳои чопшуда мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.
3. Ба **Назаров Муродали Солиҳович** дар бораи дуруст ба расмият дароварда шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи даври навбатӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014

назди Донишгоҳи давлатии молия аз рӯйи ихтисоси 6D050600-Иқтисодиёт (6D050606 - Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ) иҷозат дода шавад;

Қарор дар маҷлиси Шӯрои олимони факултети иқтисод ва бизнес Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Протоколи № 8 аз "31" 03 соли 2023 қабул гардидааст.

Дар маҷлис иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: "тарафдор"-22 нафар; "зид" – нест; "бетараф" – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
декани факултети иқтисод ва бизнес Сатторзода Б.А.

**Котиби ҷаласа:**
н.и.и., муовини декан
оид ба илм Шодиев Ф.Т.

**Муқарриз,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
мудири кафедраи
молия ДДМИТ Давлатов Х.М.

**Мукарриз,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти
кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣи
факултети иқтисод ва идора
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Искандаров Ҳ.

Дурустии имзоҳои Сатторзода Б.А., Шодиев Ф.Т. ва Давлатов Х.М. тасдиқ мекунам:

Сардори шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсус, н.и.х.
Ҷ.М. Шарипов У.А.

Дурустии имзои Искандаров Х.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ
Ҷ.М. Тавқиев Э.Ш.